**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқотии Сафаров Зулфиқор Азаматович аз нигоҳи назарияи рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хело муҳим ва саривақтӣ мебошад, зеро дар шароити имруза ба раванди сифатнокӣ ва баланд гардидани таҳсилоти олӣ саҳми ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ хеле калон аст. Аз ҳамин нуқтаи назар бо роҳу усулҳои гуногун ташаккул ва рушд додани иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии (МТОК) кишвар вазифаи афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар айни замон барои ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии МТОК-и кишвар бояд масъалаҳои зарурати ҷорӣ намудани инноватсия дар системаи таҳсилоти олӣ, рушди захираҳои кадрӣ, иқтидори зеҳнӣ, иқтидори молиявӣ, иқтидори моддӣ ва техникӣ, таҳияи усулҳои муосири арзёбии иқтидори инноватсионӣ, инчунин қабул ва татбиқи қарорҳои дахлдорро дар ин самт ҳал намуд. Инчунин зарурати тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ (НФИТ), татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, роҳҳои ҷалби самараноки сармояи хориҷӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои хизматрасонӣ барои таҳқиқотҳои илмӣ, ғанӣ гардонидани фондҳои ғайрибуҷетии худ, таъсис ва такмил додани инфрасохтори инноватсионӣ ва дар ин замина таҳким ва рушди иқтидори инноватсионӣ меафзояд.

Кори диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович ба рушди назарияҳои иқтисодиёти МТОК, иқтисодиёти маориф ва рушди раванди фаъолияти инноватсионӣ дар низоми миллии инноватсионӣ мусоидат карда метавонад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия дарҷёфта ба ҳалли амалии мушкилотҳои раванди таҳсилоти олӣ, иқтисодиёти соҳаи таҳсилоти олӣ ва пешрафти он дар шароити кунунии рушди фаъолияти инноватсионӣ нигаронида

шудааст. Дар асоси муқаррароти илмии бадастомада ва тавсияҳои диссертант Сафаров Зулфиқор Азаматович муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК), институтҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, инчунин дар доираи шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва ҳамбастагии илм бо истеҳсолот корхонаҳои истеҳсолӣ метавонанд санадҳои меъёрӣ, барномаҳои рушд, нақшаи дурнамои инноватсионӣ, нақшаи дурнамои рушди фаъолияти паркҳои технологӣ ва дастурамалҳоро оид ба ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ мукаммал намоянд.

Арзиши махсуси рисолаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки дар он роҳҳои мукаммал гардонидани механизмҳои ташкилию иқтисодӣ, раванди ҷорисозии инноватсия, арзёбии маҷмӯии иқтидори инноватсионӣ аз рӯи ҷузъҳои захиравӣ, татбиқи модели намунавии ташкили инфрасохтори инноватсионӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои инноватсионӣ дар заминаи паркҳои технологӣ, рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, риояи татбиқи марҳилаҳои раванди тиҷоратикунонӣ дар инфрасохтори инноватсионии МТОК, татбиқи модели “спирали сегона” (давлат, МТОК ва бизнес) нишон дода шудаанд.

Дар боби 1-ум кори диссертатсионӣ, ки **«Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии иқтидори инноватсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ»** ном дорад, диссертант моҳияти иқтисодии инноватсия, иқтидори инноватсионӣ ва сохтори иқтидори инноватсионӣ, зарурати рушди инноватсионии таҳсилоти олиро дар МТОК тавзеҳ додааст. Дар ин боб ҳамчунин муаллиф аз нигоҳи назариявӣ раванди ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ ва ҷорисозии усулҳои фаъол ва интерактивии таҳсилотро дар МТОК-и ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст.

Боби 2-юми кори диссертатсионӣ **«Таҳлил ва арзёбии иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили вазъи кунунии иқтидори инноватсионӣ ва омилҳои ба рушди он таъсиркунанда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, арзёбии маҷмӯии иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар боби 3-юм **«Самтҳои асосии рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» роҳҳои расидан ба** тиҷоратикунонии

натиҷаҳои фаъолияти илмӣ - техникӣ ҳамчун таъмингари бартарияти рақобатпазирии МТОК, таъсис ва такмили инфрасохтори инноватсионӣ дар МТОК ва рушди механизми дастгириҳои давлатии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон дода шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф андешаҳои илман асоснок буда, дорои моҳияти амалӣ мебошанд.

Мукаррароти асосии диссертатсия дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ, мизҳои муддавар ва конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ муҳокима гардида, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмие, ки ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, нашр гардидааст.Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси кормандони илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пурра мувофиқат менамояд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
ректори Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон, д.и.и., профессор Файзулло М.Қ.

Имзои М.Қ. Файзулоро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ДСРТ А.А. Раҳимов